**ХУЛОСАИ**
**ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм (ҳимояи такрорӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № __

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 23 ноябри соли 2023, таҳти №11**

**дар бораи ба Зокиров Сӯҳроб Ибодович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» дар таърихи 12-уми сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №2 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2022, №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Усмонзода Хайриддин Усмон - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мукарризони расмӣ:**

**Ҳомидзода Аслиддин -** доктори илмҳои фалсафа, профессор, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров;

**Миров Фирӯз Сафаралиевич** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.ф., и.в. профессор Карамхудоев Ш.Х. ва мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, н.и.ф., дотсент Маҷидов Д.Ҳ. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зокиров Сӯҳроб Ибодович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Зокиров С.И. алоқамандии зич доранд.

Довталаб зиёда аз 18 мақолаи чопӣ дорад, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз руйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Зокиров, С. Ҷойгоҳи маънавиёт дар ҷомеаи муосир [Матн] / С. Зокиров // Ахбори ИФСҲ АИҶТ. – 2019. – №1. – С.56-59.

[2-М] Зокиров, С. Ташаккули тарбияи эстетикӣ омили рушди фарҳанги маънавӣ [Матн] / С. Зокиров // Фарҳанг ва санъат. – 2019. – №4. – С.45-51.

[3-М] Зокиров, С. Анъанаҳои маънавӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа” [Матн] / С. Зокиров // Гузоришҳои АМИТ. – 2020. – №4. – С.20-23.

[4-М] Зокиров, С. Мероси фарҳангӣ ва ташаккули маънавиёти ҷомеаи муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / С. Зокиров // Фарҳанг ва санъат. – 2020. – №2. – С.33-39.

[5-М] Усмонзода, Х.У., Зокиров, С. Нақши арзишҳои ахлоқӣ дар рушд субoти ҷомеа дар шароити муосир [Матн] / Х.У. Усмонзода, С. Зокиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1 (5). – С.75-79.

[6-М] Зокиров, С. Нақши нотакрори Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллии тоҷикон [Матн] / С. Зокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С.288-294.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд:**

- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Умедов М.Ҳ.
- доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Пиров А.К.
- доктори илмҳои фарҳангшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанги шаҳри Челябински Федератсияи Россия Л.Б. Зубанова ва доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанги шаҳри Челябински Федератсияи Россия М.П. Меняева.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, эродҳои ҷузъӣ дар шакли пешниҳод баён гардидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон **коркард карда шуданд;**

**Исбот карда мешавад,** ки нақши арзишҳои маънавӣ дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайваста ду вазифаи муҳимро ба дӯш гирифта, бо татбиқи онҳо суботи ҷомеаро таъмин менамояд. Аввалан, чун тағйиротҳои фарҳангӣ ба шиддат шароити муқарраарии ҳаёти ҷамъиятиро

дигаргун месозанд, пас, танҳо такя аз ҳузури арзишҳои маънавӣ устувории нисбии равобиту муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ба ҳаёти инсон маънӣ мебахшанд, таъмин менамоянд. Сониян, арзишҳои маънавии ҳаёти ҷомеа имконияти бидуни осебҳои амиқи иҷтимоӣ татбиқ сохтани андешаҳои азнавсозиҳои ҷамъиятиро фароҳам меоранд.

Муҳаққиқ ошкор менамояд, ки дар ҷомеа на ҳамаи афроду гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба таври якхела омодаи риоя ва пайравӣ кардан аз арзишҳои маънавӣ ҳастанд. Барои зуҳури чунин падидаҳо омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳо на танҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, балки ба сифатҳои фардии одамон ва таъсири муҳитҳои гуногуни тарбиявию фарҳангӣ вобастагӣ доранд. Муайян кардани робитаҳои асосӣ ва инчунин механизмҳои таъсири иҷтимоиву фарҳангии инсон, ки минбаъд моҳияти ҷомеаи муосирро ҳамчун як организми том ва ҷудонашаванда мефаҳмонад, **пешниҳод карда мешавад.**

Дар раванди таҳқиқот муайян гардидааст, ки ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад. Бори аввал замина ва омилҳои риоя нашудани баъзе аз арзишҳои маънавӣ, ки дар рафтору муносибати аъзои ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил нагардида буданд, **ҷорӣ карда шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон минбаъд барои ҳамаҷониба таҳқиқ ва баррасӣ намудани мавқеъ ва ҳолати арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа истифода бурд. Зикр гардидааст, ки дар рафти омӯзиш чунин фарзия ҳамчун асос интихоб гардид, ки арзишҳо на танҳо ба шахс таъсир мерасонанд, балки иқтидори таъмини танзими рафтори иҷтимоии ӯро доранд.

Раванди навсозӣ ва дигаргуниҳои ҷомеа механизмест, ки имкон медиҳад дониши дастаҷамъонаи гурӯҳи мушаххаси иҷтимоӣ, ки ба таҷрибаи шахсии намояндагони алоҳидаи дигар нуфуз пайдо мекунад, **баён гарданд.**

Таҳлили хусусиятҳои асосии интиқол ё паҳншавии арзишҳои маънавӣ дар афкори ҷомеа ва моҳияту шарҳи муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ **муайян карда шудааст.**

Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон аввалин маротиба ба таври нисбатан муфассал мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор гирифта, **омӯхта шудааст.**

**Пешниҳод гардид,** ки дар ҷомеа на ҳамаи афроду гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба таври якхела омодаи риоя ва пайравӣ кардан аз арзишҳои маънавӣ ҳастанд. Барои зуҳури чунин падидаҳо омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳо на танҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иктисодӣ, балки ба сифатҳои фардии одамон ва таъсири муҳитҳои гуногуни тарбиявию фарҳангӣ вобастагӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки арзишҳои маънавӣ аз давраи пайдоиши инсон ҳамқадами ӯ буда, баъдтар ҳамчун мафҳуми меҳварии илмҳои фалсафӣ қарор гирифтаанд.

Дар рафти омӯзиш ва таҳқиқот осори муҳаққиқони аврупоӣ Ф.Г. Ҳелдерлин, Г. Клейст, В. Мюллер, Новалис, Л. Тик, Ф.В. Шеллинг, А.Ф. Шлегел, осори муҳаққиқони тоҷик М. Шакурӣ, Самиев А. Ҳ-, Идиев Х. У., Саидов А., Раҳимов С. Х., Амиров Р. А., Латифзода Д. Н., Наврӯзов С., ки дар асарҳо ва рисолаҳои худ он ба ин масъала изҳори назар кардаанд, **истифода гардиданд.**

**Муайян гардид, ки** ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад.

Дар диссертатсия усулҳои таҳқиқии мантиқӣ, муқоисавию таърихӣ, таҳқиқии умумиилмӣ ва муқоисавии илмӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Саҳми шахсии диссертант бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 23 ноябри соли 2023, қарори №11 Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Зокиров Сӯҳроб Ибодович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор -14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмхои фалсафа, профессор** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Муминов А.И.**

*23 ноябри соли 2023*